Мушкилоти таърихии ташаккули иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон дар даврони пешошуравӣ ва шуравӣ дар пажуҳишҳои муаррихону ҳуқуқшиносони тоҷик, ба мисли Ҷ. Беков[4], М.М. Бобоҷонов[5], Б. Ғафуров[6], Т.Р. Каримов[7], Т. Қулбоев[8], М. Нурматов[9], Н.Г. Саприкин[10], С.Н. Турсунова[11], А.С. Раҳмонов[12], Х. Холҷӯраев[13], Ф.Т. Тоҳиров[14] Т. Тухтаметов[15], С. Раҷабов, М. Шукуров[16], мавриди баррасиҳо қарор гирифтааст.

Л.В. Гентшке, К.Ф. Фозилхоҷаев [17], В.О. Опеен[18], Ф.А. Гареев[19], А. Лобачёв [20] таърихи иттифоқҳои касабаи Узбакистонро таҳқиқ карда, ҳамзамон иттифоқҳои касабаи ҶХШС Тоҷикистонро, ки он вақт дар

---

[4]Ниг.: Беков Ҷ. Иттифоқҳои касаба ва тарбияи коммунистии меҳнаткашон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 80 с.

[5]Ниг.: Бабаджанова М.М. Изучение истории и проблем рабочего класса Таджикистана в трудах М. Алиджанова // Вестник КРСУ. – 2015. – Том 15. – № 6. – С. 62-65.

[6] Ниг.: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 2020. – С. 5.

[7]Ниг.: Каримов Т.Р. Союз «Рабземлес» - защитник экономических интересов батрачества в Таджикистане // Уч. зап. Куляб. гос. пед. ин-та. – 1966. – Вып. 5.

[8] Ниг.: Кулбаев Т.С. Профессиональные союзы республик Средней Азии и Казахстана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): автореф. дис. … д-ра ист. наук. – Алматы, 1994. – 60 с.

[9] Ниг.: Нурматов М. Ҳаракати рационализаторӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 56 с.

[10] Ниг.: Сапрыкин Н.Г. Возникновение и укрепление профсоюзов в Таджикистане (1925-1938 гг.) // Очерки по истории Таджикистана. – Сталинабад, 1957. – Т.II. – С. 96.

[11]Ниг.: Турсунова С.Н. «Иттифоки камбағалон» - опора коммунистической партии в социалистическом преобразовании таджикского кишлака. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 60 с.

[12]Ниг.: Рахмонов А.С. Компартия и массовые дехканские организации Таджикистана (1924-1934 гг.): автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 1991. – 20 с.

[13]Холджураев Х. Возрастание авангардной роли рабочего класса в строительстве коммунизма (1959-1970 гг.): автореф. дис. … д-ра ист. наук. – М., 1971. – 129 с.

[14]Ниг.: Тахиров Ф.Т. Становление советского трудового права в Ходжентском уезде (1917-1924 гг.) // Изв. АН Тадж ССР. Сер.: Философия, экономика, правоведение. – 1987. – №1. – С. 60-66.

[15]Искандаров Б.И. Россия и Бухарский эмират в начале XX века. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 133, 201, 207.

[16] Ниг.: Раджабов С., Шукуров М. Профсоюзы Советского Таджикистана. – М.: Профиздать, 1964. – 76 с.

[17] Ниг.: История профсоюзов Узбекистана / [Л. В. Гентшке., В. Л. Гентшке., К. Ф. Фазылходжаев и др]. – Ташкент: Узбекистан, 1978. – 360 с.

[18] Ниг.: Опеен В.О. История изучение профсоюзного движения в XX веке(к вопросу историографии) // Вестник ЧГПУ им. И.Я. Яковлева. – 2014. – №4 (84). – С. 3.

[19] Ниг.: Очерки истории профсоюзов Узбекистана / [Гареева Ф.А. и др.]. – Ташкент, 1967. – 428 с.

[20]Ниг.: Лобачев А.И. Деятельность профсоюзов республик Средней Азии по утверждению социального равенства женщин в условиях перехода к социализму, минуя капитализм: автореф. д-ра ист. наук. – Ташкент, 1988. – 56 с.

ҳайати ҶШС Узбакистон буд, низ зикр кардаанд. Чунин таҳқиқотҳо бавижа дар тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ солхои 50-уми асри XX фаъолона гузаронда шуда буданд. Қариб хамаи ин таҳқиқотҳо ба ошкор кардани мушкилоти сирф таърихӣ нигаронида шуда, ба риштаи фаъолияти ҳуқуқии иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон дахл накардаанд.

Бештари асарҳое, ки дар бораи иттифоқҳои касаба солҳои 70-80-уми асри XX иншо шудаанд, ба руҳияи замони худ комилан созгор буданд. Иттифоқҳои касаба дар онҳо бештар ҳамчун «васоити ба худ хоси татбиқи сиёсати болшевикон, ки ҳадафашон инқилоби ҷаҳонӣ буд», истифода мегардид. Вале, зимнан, ба масъалаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии иттифоқҳои касаба, ҳизб ва давлат хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

Марҳалаҳои таърихии ташаккули иттифоқҳои касабаро М. Муллоҷонов ва Б. Набиев дар асари мухтасари худ таҳлил намудаанд[21]. Ба баъзе ҷанбаҳои мушкилоти фаъолияти институт, ки муаллиф таъкид мекунад, дар таҳқиқоти З.А. Икромӣ низ ишора рафтааст[22]. Аммо дар ин пажуҳишҳо масъалаҳои ҳуқуқии иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар айни замон, муҳаққиқони хориҷӣ Н.Г. Александров, Э.М. Аметистов, Е.М. Акопова, Н.А. Абузярова, В.И. Анишина, И.С. Войтинский, Е.М. Гершанов, К.Н. Гусев, С.Ю. Головина, С.А. Иванов, Г.А. Игдиров, К. Крылов, А. Куренная, И.Я. Киселев, С.С. Каринский, И.А. Костян, М. Лушников, А. Лушников, Р.З. Лившитс, Е. А. Лукашева, В.И. Миронов, М.В. Молодтсов, Л.А. Николаев, Н.И. Никитинский, А.Ф. Нуритдинова ва дигар олимони муаррих ва ҳуқуқшинос ба раванди ташкили иттифоқҳои касаба дар собиқ ИҶШС маҳз аз нуқтаи назари низоми қонунгузорӣ аҳаммият дода, нақши мусбати онҳоро дар низоми шуравӣ ва пасошуравӣ собит сохтаанд.

Дар даврони истиқлоли миллӣ дар Тоҷикистон чанд китоб оид ба иттифоқҳои касаба нашр шуд: «Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон»[23], «Мароми мо – истиқлолияти Тоҷикистон»[24], маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 80-солагии иттифоқҳои касабаи кормандони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, инчунин бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон[25] ва 85-солагии иттифоқҳои касабаи кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон[26]. Ҳамчунин маҷмуаи мақолаҳои илмии

---

[21] Ниг.: Муллоджонов М., Набиев Б. Профсоюзы Таджикистана. – Душанбе, 2006. – 60 с.

[22] Ниг.: Икрами З.А. Правовые аспекты трудовой миграции в Российской Федерации и в Республике Таджикистан (сравнительная характеристика). – Душанбе: Эҷод, 2007. – 136 с.

[23] Ниг.: Муллоджонов М., Набиев Б. Профсоюзы Таджикистана. – Душанбе, 2006. – 60 с.

[24] Ниг.: Мароми мо - Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон. – Душанбе: «Авасто», 2011. – 308 с.

[25] Ниг.: 80 - солагии Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (1937-2017). – Хуҷанд: «Ношир», 2017. – 196 с.

[26] Ниг.: 85-солагии Иттифоқи касабаи кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1933-2018). – Душанбе: «ПРОИЭКСПО», 2018. – 252 с.

аъзои иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 21-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз чоп баромад[27]. Як қатор мақолаҳои дигар дар маҷаллаҳои даврии илмӣ низ ба табъ расиданд. Вале, мутаассифона, дар нашрияҳои мазкур на ҳама масъалаҳои таърихию ҳуқуқии ташкил, фаъолият ва мақоми ҳуқуқии иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар онҳо хусусият ва вижагиҳои иттифоқҳои касаба на аз лиҳози ҳуқуқӣ ва на аз лиҳози таърихӣ маҷмуан дар кишварҳои пасошуравӣ ва хусусан дар Осиёи Марказӣ, ба вижа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил наёфтаанд.

Дар кори диссертатсионии худ муаллиф кӯшидааст, ки камбудихои зиёдеро дар омӯзиши фаъолияти иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз мавқеи таҳлили таърихӣ- ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ- ҳуқуқӣ бартараф намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия ҳиссае аз чунин барномаҳои таҳқиқотии дарозмуҳлати Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад: «Асосҳои давлати ҳуқуқӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон: таърих ва замони муосир» (2013-2017), «Нақши ҳуқуқ ва давлатдории шуравӣ дар ташаккул ва рушди Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон» (2018-2022).

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафҳои асосии таҳқиқот аз омӯзиши муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба таърихи ташаккул ва рушди иттифоқҳои касаба ва фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон, дар ин замина таҳия кардани пешниҳодҳо оид ба истифодаи таҷрибаи таърихию ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба дар шароити муосир; тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар заминаи ҳадафҳои мазкур анҷом додани вазифахои зерин муҳим мебошад:

-ба тарзи муқоисавӣ омӯхтани таърихи институти иттифоқи касаба;

- собит сохтани мавҷудияти институтҳои ба ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ҳамонанд дар таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқи тоҷикон;

- мушаххас намудани асосҳои ҳуқуқии ташкилот, зарурат ва омилҳои асосии фаъолияти иттифоқҳои касаба;

- баррасии қонунгузорӣ оид ба иттифоқҳои касаба дар даврони шуравӣ;

[27] Ниг.: Конститутсия кафолати таъмини ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии шахс, давлат ва ҷомеа (маводи конфронси илмӣ-назариявии бахшида ба 21 солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хоҷа Оби Гарм, 3 ноябри соли 2015) / Зери назари д.и.ҳ. Буриев И.Б., н.и.ҳ. Одинаев Р.С. – Душанбе: ҶДММ «Душанбе Принт», 2016. – 144 с.

- ошкор намудани мафҳум, моҳият ва вижагии фаъолияти институти иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқи байналмилалии фаъолияти иттифоқҳои касаба дар марҳалаи кунунии рушд;

- асоснок намудани дурнамои рушди қонунгузории иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистони муосир;

- таҳияи тавсия ва пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба ташкил ва фаъолияти институти иттифоқҳои касаба мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот таърихи таҳаввули институти иттифоқҳои касаба, заминаи ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба ҳамчун яке аз институтҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, инчунин амалияи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба аз ҷониби онҳо мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Бо мақсади муназзам ва ҳамаҷониба омӯхтани институти иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон дар рисолаи таҳқиқотии мо ба таърихи ниҳоди мазкур таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки онро метавон ба панҷ марҳала тақсим кард: 1) пайдоиши ақидаҳои бунёди иттиҳод, таъсиси саринститути касбу ҳунар ва аъзои табақаҳо – аз замонҳои қадим то асрҳои миёна; 2) бунёди иттиҳодияҳои монанди «ҷавонон», «айёрон», «фидоӣ», ки ҳуқуқу манфиатҳои табақаҳои гуногун ва аъзои ин ҳаракатҳоро ҳифз менамуданд, инчунин ба вуҷуд омадани низомномаҳои меъёрӣ, асосан динию ҳуқуқӣ, ки фаъолияти намояндагони касбу ҳунарро ба танзим медароварданд - асрҳои миёна; 3) мубориза коргарони корхонаву фабрикаҳои гуногуни Хуҷанд ва Конибодом барои ҳуқуқҳои худ (1907-1924); 4) ташаккул ва рушди иттифоқҳои касаба (1925—1991); 5) ташаккули институти муосири иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991 – то имрӯз). Муҳлати муваққатии гузаронидани таҳқиқот солҳои 2017-2022-ро фаро гирифта, макони татбиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назарии тадқиқотро асарҳои муаррихони ҳуқуқ ва давлат ташкил медиҳанд, ки асосан аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ, ба монанди Ф.М. Абдулхонов[28],, А.У. Азиззода[29],

[28]Ниг.: Қодирзода С.М., Абдулхонов Ф.М. Таълимоти Мискавайҳ оиди идораи давлат ва мансабдорони давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №1. – Қ.1. – С. 226-229.

[29]Ниг.: Азизов У.А. Эволюция иниститутов преступления и наказания на территории исторического и современного Тоджикистана: историко-правовое исследование: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

Г.С. Азизқулова[30], З. Ализода[31], Ғ.М. Бобокалонов, Э.Б. Буризода[32], Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Диноршоҳ[33], Ҷ.М. Зоир[34], М.А. Маҳмудзода, Н.Р. Маҳмадуллозода[35], Э.С. Насриддинзода[36], Н. Шонасридинов, Р.С. Одиназода, Д.С. Раҳмон[37], Б.А. Сафарзода[38], Ҷ. Саъдизода[39], Ф.Т. Тоҳиров[40], А.Ғ. Холиқзода[41], Р. Шарофзода[42], С.А. Раҷабов ва диг. офарида шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мо усулҳои гуногуни омӯзиши мавзуъ, аз ҷумла усулҳои маҷмуӣ ва махсусонидаи илмҳои назарӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқ ва давлат корбурд мешаванд. Аз усулҳои умумӣ қонунҳо ва категорияҳои назарияи маърифат, ба ибораи дигар, қонунхои умумитари табиат, ҷомеа ва тафаккур, ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидхо, қонуни инкори инкор ва қонунҳои гузариш аз миқдор ба сифат, категорияҳои ҷуфт – моҳият ва падида, шакл ва мазмун, том ва ҷузъ, низом ва унсур, қонуният ва тасодуф ва ғ. мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ инчунин усулҳои расмӣ- ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, усулҳои мантиқии таҳлил, таҷзия, натиҷагириҳо, аз кулл ба ҷузъ ва аз ҷузъ ба кулл, яъне, усулҳои асосии обйективии илмии таҳқиқи падидаҳои ҳуқуқӣ ба кор бурда шуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро далелҳои таърихии гузаштаи дур, далелҳо аз таърихи шуравии институти

---

[30]Ниг.: Азизкулова Г.С., Хакимов Н. История государства и права Таджикистана. В помощь изучающим (от догосударственного общества до 1917 года). – Душанбе, 2018. – Ч. 1. – 816 с.

[31] Ниг.: Ализода З. Ҳуқуқу озодиҳои инсон-меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (Маводҳои конфренсияи илмӣ и амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 17 марти 2014). – Душанбе: “Империал-Групп”, 2014. – С. 32-34.

[32]Ниг.: Буризода Э.Б. Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ. Нашри 3. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2021. – 288 с.

[33] Ниг.: Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаҳои ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 164 с.

[34]Ниг.: Зоиров Дж.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко-правовой анализ) – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.

[35]Ниг.: Маҳмудзода М.А. Ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ дар қонунгузории Рим (баъзе масъалаҳои қабули қонунҳои Рим) // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2020. – №4(36). – С. 152-157.

[36]Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (васоити таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона, 2017, 2019. – 204 с.

[37]Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ: дис. … д-ри илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 479 с.

[38]Ниг.: Сафаров Б.А. Формирование раннего исламского государства. – Душанбе, 2011. – 200 с.

[39]Ниг.: Диноршоев М.А., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаҳои ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 164 с.

[40]Ниг.: Тоҳиров Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 568 с.

[41]Ниг.: Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф 2014. – 380 с.

[42]Ниг.: Сативалдыев Р.Ш., Кенджаев Ш.Ю. Учение Джами о праве и государстве: монография. – 2-е изд., перераб., изм. и доп. – Душанбе: Ношир, 2016. – 208 с.

иттифоқҳои касаба, сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии амалкунанда, амалия ва фаъолияти рӯзмарраи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ ташкил додаанд. Ҳамзамон аз сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва рисолаҳое, ки дар бораи вазъи ҳуқуқии коргарони соҳаҳои гуногун ва умуман, иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон маълумоти ниҳоят муҳим пешниҳод мекунанд, низ истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки ин нахустин асари мукаммали илмӣ оид ба асосҳои ҳуқуқии фаъолияти институти иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон мебошад. Дар он бори аввал даврабандии асоснокшудаи таърихи пайдоиш ва рушди институти иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон пешниҳод гардида, инчунин аз ҷониби муаллиф таърифи мафҳумҳои асосии қонунгузории иттифоқҳои касаба дода шудааст. Дар диссертатсия бар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба ва холисонаи нуқтаҳои назари гуногун, қонунгузории кишварҳои гуногун, ки ба институти иттифоқҳои касаба бахшида шудааст, мавқеи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи муаллиф оид ба бисёр масъалаҳои таҳқиқотӣ муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилоти ҷамъиятӣ ҳамчун мақоми назоратии ҷамъиятӣ ва давлатӣ оид ба иҷрои қонунгузории меҳнат нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муқарраротe, ки барои дифоъ пешниҳод мешавад:

1. Омилҳои асосии таърихию ҳуқуқӣ, ки ба пайдоиш ва рушди институти ҷамъиятҳои касбӣ дар Тоҷикистони таърихӣ мусоидат карданд, иттиҳодияи кишоварзии «нафа», ҷамъияти табақавӣ, ҳуқуқи табақавӣ, ки манфиатҳои синфии баъзе табақаҳоро ҳимоя мекунад – бештар намояндагони касбҳои муайян назар ба намояндагони касбҳои дигар, ки аксаран ба намояндагони табақаҳои поёнӣ хосанд, мебошанд.

2. Асоси институтсионалӣ-ҳуқуқии ташаккули ҷомеаи касбӣ низ таъйин ё интихоби сардори табақа, касаба, таъсиси ҷамъиятҳо буд, ки онҳоро метавон касбӣ номид. Ин ҷамъияти косибони шаҳрӣ – «ҷавонмандон», «ҳарбиён» – фидоиён буданд, ки меъёрҳои муносибатҳои байниҳамдигариро миёни худ ва ҳам нисбат ба тобеон, ҷомеа ва кишвар таҳия мекарданд. Онҳо метавонистанд тасмим гиранд, ки аз аъзои ҷомеа ҳимоят кунанд, дар мушкилиҳо ба ҳамдигар ёрӣ расонанд.

3. Асоси қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои касбии намояндагони касбҳои гуногун (фаъолияти иттифоқҳои касаба) дар давраи исломии давлатдории тоҷикон Муқаррарот (Низомномаҳо) буд, ки ба касбҳои мушаххас бахшида шудаанд. Аз ҷумла, Низомномаҳо дар бораи бофандагон, музадӯзон, устоҳои чармгар ва дигарон буданд. Онҳо аввалин меъёрҳои қонунгузориро тартиб додаанд, ки мавқеияти коргарони касбҳои

алоҳидаро муайян намуда, муносибатҳои байни онҳо, инчунин муносибатҳои ҷомеаро бо намояндагони соҳаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ ба танзим медароварданд. Онҳо инчунин мақоми ҳуқуқии устод (халифа), шогирд, муносибат бо ҷомеа ва муштариён, механизмҳои ҳифзи манфиатҳои намояндагони касбҳои мушаххасро муқаррар кардаанд.

4. Дар аморати Бухоро иттифоқҳои касабаи мукаммал вуҷуд доштанд, ки ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи марбут ба аъзои иттифоқи худ машғул буданд. Ба ин «иттифоқҳои касаба» раис (сардор) роҳбарӣ мекард. Дар сурати маҳрум шудан аз кор ё муваққатан бекор мондан, намояндаи касб метавонад ба сардор (раис) муроҷиат кунад, ки ӯро ҳамчун узви иттифоқи касаба бо тамоми ашёи зарурӣ таъмин кардааст. Ҳар як иттифоқи касаба роҳҳо ва механизмҳои ҳимояи аъзои худро аз таҷовуз ба манфиатҳои онҳо, кирдорҳои ғайриқонунӣ ё нопурра пардохтани музди меҳнат дошт.

5. Дар асоси таҳқиқоти гузаронида мафҳуми зерини иттифоқи касаба пешниҳод мешавад: «ташкилоти ихтиёрии ҷамъиятӣ, ғайритиҷоратӣ ва корпоративие мебошад, ки шаҳрвандонро вобаста ба манфиатҳои умумиистеҳсолӣ ва касбӣ аз рӯйи хусусияти фаъолияти онҳо муттаҳид намуда, бо мақсади ваколат ва ҳимоят аз ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзои худ, инчунин ҳуқуқҳои назорати ҷамъиятӣ бар иҷрои қонунгузории меҳнат таъсис дода мешавад».

6. Бар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти таърифҳои расмии мафҳуми «гуфтушуниди коллективӣ» таърифи муаллиф ба ин мафҳум пешниҳод карда мешавад: «гуфтушуниди коллективӣ» – ин шакли ҳамкорӣ ва равандест, ки ҳадафаш муайян намудани манфиатҳои тарафайн, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои коллективи меҳнатӣ ва тарафҳои шарикии иҷтимоӣ тавассути бастани шартномаи коллективӣ мебошад».

7. Таърихи ҳаракати иттифоқҳои касабаро дар қаламрави Тоҷикистон ба марҳалаҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: 1) пайдоиши ғояҳои таъсиси иттифоқ, таъсиси институти сарварони касбу кор ва табақаҳо, ки ҳадаф аз он ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои намояндагони касбу кор ва табақаҳо буд – аз замонҳои қадим то асрҳои миёна; 2) таъсиси иттиҳодияҳои «ҷавонмандон», «айёрон», «фидоӣ», ки ҳуқуқу манфиатҳои табақаҳои гуногун ва намояндагони ин ҳаракатҳоро ҳимоя менамуданд, инчунин ба вуҷуд омадани муқаррароти динию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти намояндагони касбҳо; 3) мубоup коргарони корхонаву фабрикаҳои Хуҷанд ва Конибодом барои ҳуқуқҳои худ (1907-1924); 4) ташаккул ва рушди иттифоқҳои касаба (1925-1991); 5) ташаккули институти муосири иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991 - то имрӯз).

8. Қонунгузории иттифоқҳои касаба ҳамчун механизми ҳимояи манфиатҳои қонунии намояндагони касбу кори алоҳида – коргарон ба вуҷуд омад. Дар баробари ташаккул ва рушди низоми қонунгузории меҳнат

қонунгузории иттифоқҳои касаба низ такмил ёфт. Таъсиси давлатдории шуравӣ имкон дод, ки қонунгузории иттифоқҳои касаба дар баробари дигар қонунҳои соҳавӣ ба марҳалаи нави рушди ҳуқуқ бароварда шавад ва ин махсусан бо меъёрҳои назорати ҷамъиятӣ ва давлатӣ бар иҷрои қонунгузории меҳнат иртибот мегирад.

9. Вижагиҳои асосии иттифоқҳои касабаи собиқ Тоҷикистони шуравӣ мисли иттифоқҳои касабаи тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ҳизбӣ будан, хусусияти давлатии фаъолият доштан, сервазифавии он мебошад, ки аз умумият ва ба низоми давлатию сиёсии шуравӣ дохил будани онҳо ҳамчун сохтори сафарбарӣ бармеояд. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқи ташаббускор будан дар қонунгузорӣ, ширкат дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим, таъмини адолати иҷтимоӣ, шароити зарурӣ фароҳам овардан барои фаъолияти коргарон дар риштаҳои иқтисоди миллӣ ва иҷрои вазифаҳои ваколатҳои қонунӣ оид ба идоракунии ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоию мехнатиро доранд. Иттифоқҳои касаба вазифаҳои Вазорати меҳнатро иҷро мекард, меъёрҳои тарифиро таҳия мекард, ба фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ роҳбарӣ менамуд, ба аҳолӣ тарбияи идеологӣ медод, кадрҳои ҷавонро омода месохт, чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ мегузаронд ва ғ. Ҳамаи ин навъи фаъолиятҳо, албатта, зери роҳбарии Ҳизби Коммунист ба амал бароварда мешуд.

10. Дар баробари расидан ба истиқлоли давлатии Тоҷикистон иттифоқҳои касаба ваколатҳои муҳимро (ҳуқуқи ташаббус дар қонунгузорӣ, идоракунии фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ, идоракунии корҳои беҳдоштӣ-осойишгоҳӣ ва ғ.) аз даст медиҳанд. Дар баробари ин ба онҳо ваколатҳои нав (ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба вакилӣ, президентӣ, иштирок дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ, баёни эроду пешниҳодот оид ба масъалаҳои мавриди баррасӣ) дода шуда, ширкаткунандагони фаъоли таҳияи лоиҳаҳои қонун дар давраи солҳои1991-1996 буданд. Шурои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз рӯйи лоиҳаҳои қонунҳое, ки ҳукумати ҶТ ва дигар мақомоти давлатӣ таҳия карда буданд, инчунин оид ба санадҳои меъёрии дар парлумони ҷумҳурӣ баррасишуда беш аз 300 пешниҳоду эродҳо ворид намуд.

11. Имрӯз иттифоқҳои касаба фаъолияти худро ба куллӣ тағйир дода, барои ҳимояи ҳуқуқҳои қонунии коргарон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, аз дигар вазифаҳое, ки марбут ба онҳо нестанд, канор монданд.

Пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти иттифоқҳои касаба ба вуҷуд оварда шуд, ки онро Конститутсияи ҶТ, Кодекси меҳнати ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», «Дар бораи ҳифзи меҳнат», «Дар бораи шуғли аҳолӣ», «Дар бораи нафақа», «Дар бораи хусусигардонии манзил», «Қонун дар бораи иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғ.

ташкил медоданд. Фаъолияти иттифоқҳои касаба хамчун ташкилоти ҷамъиятӣ бо санадҳои қонунгузорие асос меёбад, ки мақоми ҳуқуқии онро танзим мекунанд. Мутобиқи санадҳои қонунгузории даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, иттифоқи касаба ваколатдор аст, ки назорати ҷамъиятиро бар риояи қонунгузории меҳнат амалӣ намояд, қоидаҳои «Низомнома дар бораи тафтиш ва бақайдгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот», «Дар бораи намояндагони афкори умум», «Дар бораи ҳифзи меҳнат дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо», «Дар бораи тартиби таъйини ҷазои маъмурӣ барои вайрон кардани қонуну қоидаҳои ҳифзи меҳнат», инчунин барои риоя намудани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Ҳамаи ин ба давлат имкон дод, ки болои ҳифзи меҳнат назорати ҷамъиятӣ ҷорӣ намояд.

12. Дастоварди назарраси иттифоқҳои касаба эътирофи институти шарикии иҷтимоӣ, принсипҳои фаъолияти он, мубрамияти бастани Созишномаи генералӣ аз ҷониби давлат мебошад. Имрӯз иттифоқҳои касаба ба механизмҳои нав, ба монанди институти миёнарав, машваратҳои муштарак, машваратҳои истеҳсолӣ ниёз доранд.

**Пас аз таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттифоқҳои касаба муаллиф оид ба такмили он пешниҳодҳои зеринро тавсия мекунад:**

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» дар таҳрири нави қабул карда шуда, дар он бояд механизмҳои нави назорати ҷамъиятии иттифоқҳои касаба бар иҷрои қонунгузории меҳнат нишон дода шавад. Дар Қонуни мазкур ба мафҳумҳои «корфармо», «корфармо - соҳибмулк», «намояндаи корманд» таърифи дақиқ дода, онҳоро на танҳо бо иттифоқҳои касаба, балки бо дигар ташкилотҳо ҳам бояд алоқаманд намуд;

- имрӯз дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои зиёде амал мекунанд, ки соҳибмулкон, иштирокдорон ва саҳмдорони онҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд. Таҷрибаи мавҷудаи ҳалли баҳсҳои меҳнатии марбут ба кормандони ташкилотҳои хориҷӣ нишон медихад, ки иттифоқҳои касаба дар ин ташкилотҳо хеле кам таъсис дода мешаванд. Бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қисми 2 моддаи 9-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод мекунем, ки ба м.3 Қонуни мазкур тағйироти зерин ворид карда шавад:

«Амали Қонуни мазкур, агар дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ба ашхоси зерин татбиқ мегардад:

- ба кормандон, аз ҷумла кормандони ташкилотҳои хориҷии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда, ки соҳибмулкон, иштирокдорон ё саҳмдоронашон шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд;

- ба корфармоён, аз ҷумла корфармоёни ташкилотҳои хориҷии дар қаламрави Тоҷикистон ҷойгиршуда, ки соҳибмулкон, иштирокдорон ё саҳмдоронашон шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд.

Бо мақсади мушаххас кардани ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба оид ба татбиқи назорати ҷамъиятӣ бар иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешниход карда мешавад, ки ба қисмҳои 1 ва 2 моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» тағйироти зерин ворид карда шавад:

«Моддаи 20. Ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба дар татбиқи назорати ҷамъиятӣ ба раванди иҷрои Шартномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), шартномаҳои коллективӣ, шартномаҳои мехнатӣ.

1. Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад ба раванди иҷрои Шартномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), шартномаҳои коллективӣ, шартномаҳои мехнатӣ назорати ҷамъиятӣ барад.

2. Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад дар сурати риоя накардани шартҳои Шартномаи генералӣ, шартномаи коллективии соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), шартномаи меҳнатӣ, ба ҷониби дигар пешниҳод намояд, ки ҳуқуқвайронкуниҳо бартараф карда шавад ва мурочиат бояд дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардад.

Бояд зарурати таъсиси институти миёнарав оид ба баҳсҳои меҳнатиро асоснок кард, ки он кори мақомоти судиро аз баррасии ин гуна парвандаҳо хеле сода ва сабук мегардонад. Бо ин мақсад зарур аст, ки Қонун «Дар бораи медиатсия» ё Қонуни махсус «Дар бораи миёнаравӣ дар баҳсҳои меҳнатӣ», ки дар баробари танзими тартиби миёнаравӣ бояд принсипҳои асосии миёнаравӣ – бетарафӣ, сиррӣ, беғаразӣ ба ҳукми қонун дароянд, қабул карда шуда, ашхос ва мақомоте, ки метавонанд ба фаъолияти миёнаравӣ машғул бошанд, нишон дода шаванд.

Бояд тартибу принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, принсипи машваратӣ ва раванди гуфтушуниди коллективиро бо мақсади татбиқи фаъолонаи онҳо қонунӣ кард.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти амалии диссертатсия – ин саҳифаи навест дар фаъолияти иттифоқҳои касаба ва ҷомеа. Дар рисола мақоми иттифоқҳои касаба дар фаъолияти гуногунҷабҳаи давлатӣ равшан муайян карда шудааст.

Арзиши илмии диссертатсияро маводди пешниҳодшуда, далелҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое муайян мекунанд, ки метавонанд дар ҷараёни таълим дар мактабҳои олӣ, дар раванди такмили қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

Муқаррарот ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида метавонанд дар амалия, яъне, барои беҳбуди амалисозии қонунгузории меҳнат ва иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳияи стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ, дар фаъолияти ҳаррӯзаи иттифоқҳои касаба истифода шаванд.

Хулосаҳои назарии таҳқиқотро метавон дар пажуҳишҳои илмӣ, дар таълими таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи иттифоқҳои касаба истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо сатҳи баланди манбаъҳои илмӣ ва меъёрии ҳуқуқии истифодашуда, корҳои обйективии гузаронидашуда ва анҷомёфта, маълумоти дар он воқеан тасдиқшуда, далелҳои муқоисавӣ-татбиқии мушкилоти асосии таҳқиқот, асоснокии навгонии он ва мазмуни асарҳои муаллифӣ муайян карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф ба таҳлили обйективии илмии масъалаҳои ба миён гузошташуда ва амалияи марбути он асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Ихтисос, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсияи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисосӣ: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти оид ба ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ бо навоварии илмии диссертатсия, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда, мақолаҳои илмии ба нашр расондаи муаллиф, инчунин маърузаҳои ӯ дар конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар тасдиқ мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ шахсан аз ҷониби муаллиф анҷом дода шуда, натиҷаҳои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Дар рафти таҳқиқот бар асоси вижагиҳои ошкоршудаи таъсис ва рушди иттифоқҳои касаба бори аввал даврабандии ин раванд гузаронида шуд. Муаллиф инчунин ба мафҳумҳои калидие, ки дар доираи мавзуи асосӣ корбурд шудаанд, таърифҳои ба худ хос медиҳад, ки ин саҳми муҳимми муаллиф дар илм маҳсуб меёбад. Бар асоси таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи як қатор кишварҳои хориҷии наздику дур, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон оид ба масъалаи таҳқиқшаванда камбудиву нуқсон ва ихтилофҳо ошкор гардида, усулҳои бартараф намудани онҳо ва роҳҳои такмили қонунгузорӣ пешниҳод карда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 9 аз 16 декабри соли 2022) таҳия, муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои зерини илмӣ баррасӣ шудаанд:

– Конгресси VI иттифоқҳои касабаи маорифи Туркия. – маърӯза дар мавзуи: «Фаъолият ва дастовардҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Анқара, 2018;

– Конгресси умумиҷаҳонии таҳсилоти байналмилалӣ. – маърӯза дар мавзуи: «Қонунгузорӣ дар соҳаи маориф: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он». – Бангкок, 2019;

– Конференсияи V байналмилалии илмию назариявии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон дар Академияи ВКД ҶТ. – маърӯза дар мавзуи: «Баъзе масъалаҳои рушди институти иттифоқҳои касаба дар ИДМ». – Душанбе, 2022;

– Семинари байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи маориф. Маориф дар давраи пандемия». – маърӯза дар мавзуи: «Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Остона, 2022.

Муаллиф инчунин дар беш аз 10 баррасии илмии байналмилалӣ оид ба вазъият, мушкилоти қонунгузорӣ ва дурнамои рушди фаъолияти иттифоқҳои касаба ширкат варзидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои асосии муаллиф дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, аз ҷумла, 13 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боби дорои шаш параграф, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 213 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди он баррасӣ гардида, иртиботи таҳқиқот бо дигар барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ нишон дода шуда, ҳадафҳо, вазифаҳо, обйекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин марҳалаҳои таҳқиқот тавсиф гардида, асосҳои таҷрибавӣ, навгонии илмӣ, арзиши назарӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия - «**Мафҳум, даврабандӣ ва марҳалаи шуравии рушди ҳуқуқии иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон**» - аз се банд иборат аст. Дар банди якум - «**Институти иттифоқҳои касаба: мафҳум,**

**вазифаҳо ва даврабандии таърих**» - муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда мафҳуми иттифоқи касабаро чунин шарҳ медиҳад: «иттифоқи касаба – ин ҷамъияти ихтиёрӣ, ғайритиҷоратӣ, ташкилоти корпоративие мебошад, ки шаҳрвандони аз рӯйи хусусияти фаъолияташон бо манфиатҳои умумии истеҳсолӣ ва касбӣ ба ҳам алоқамандро муттаҳид намуда, бо мақсади намояндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзои он, инчунин ҳуқуқҳои назорати ҷамъиятӣ бар иҷрои қонунгузории меҳнат таъсис ёфтааст. Дар рисола дар натиҷаи таҳқиқ вазифаҳои иттифоқҳои касаба, асосан вазифаҳои намояндагӣ ва ҳуқуқи инсон, чи дар замони шуравӣ ва чи дар замони муосир ошкор карда шудааст. Илова ба ин, дар асар ба «сервазифа» будани иттифоқҳои касабаи Тоҷикистони шуравӣ, давлатикунонӣ ва ба амал баровардани вазифаҳои давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои мазкури ҷамъиятӣ махсус қайд гардидааст. Муаллиф аз усули мавҷудаи даврабандии илмӣ истифода карда, давраҳои ташаккул ва рушди институтҳои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро муайян кардааст.

Дар банди дуюм - «**Андешаҳо ва институтҳои асосии таърихию ҳуқуқии халқи тоҷик дар бораи ҷамъиятҳои касбӣ ва ба вуҷуд омадани институти иттифоқҳои касаба дар арафаи ташкилёбии Тоҷикистони Шуравӣ**» - нахустин ақидаҳо оид ба зарурати таъсиси ҷамъиятҳои касбӣ, ки аз ҷониби муаллиф ошкор карда шудааст, баррасӣ мегардад. Андешаҳо дар бораи ҷамъиятҳои касбӣ бевосита ба таърихи давлатдории тоҷикон марбут мебошад. Ин ҷамъиятҳои касбӣ, ки аз рӯйи принсипи касбӣ ташкил шуда буданд, аз замонҳои қадим то барпо гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон вуҷуд доштанд. Ин ҷо мо, масалан, ҷамъияти бофандагон, саисон, мӯзадузон ва м. ин-ро дар назар дорем. Соҳибкорон ташкилоти махсуси табақавӣ ва сарвари худ - «раъсу-т-туҷҷор»[43] (сардори соҳибкорон -Н.З.)-ро доштанд. Вай тамоми гурӯҳи ҷамъиятиро сардорӣ мекард. Масалан, шаҳри Пайканд, воқеъ дар атрофи Бухоро, шаҳри соҳибкорон («шаҳристони руйин», «мадина-т-туҷҷор»)[44] маҳсуб мешуд. Ин нишонаи волоияти мақом ва худогоҳии ин гурӯҳи иҷтимоӣ аст, ки тавонистааст бо ёрии намояндагони ин касб – аъзои ин гурӯҳ низомеро ба роҳ монад, ки ба фаъолияти бемамониати он, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, ҳатто дар аҳди қадим ва махсусан дар асрҳои миёна ба истилоҳ Рисола – Низомнома (Муқаррарот) бахшида ба ҳар як касб тавзеъ карда мешуд. Ин Низомнома на танҳо муносибатҳои иҷтимоии марбут ба муносибати байни намояндагони касб, балки муносибатҳо бо ҷомеаро низ

[43] Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе: ЭР-Граф, 2011. – С. 519.
[44] Наршахӣ М. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1979. – С. 20.

танзим мекард. Тибқи ин Низомнома Сардори касб (Раис-З.Н.) интихоб карда мешуд, масъалаҳои таъмин бо кор (ҳарчанд бо равишҳои гуногун) ба танзим дароварда шуда, дар рисолаҳо мақоми қатъии ҳуқуқии намояндагони ин касб, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо муқаррар мегардид, муносибати устод (халифа) ва шогирд (шогирдпеша), муносибати роҳбар (раиси табақа) нисбат ба намояндагони касбҳои худ ва дигар касбҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ мушаххас карда мешуд.

Инчунин, дар Рисола навъҳои мушаххаси ҷазо барои таҳқир ва амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба косиб муқаррар гардидааст. Сардори касб, тибқи маълумоти устод С. Айнӣ, ин тавр интихоб мешуд: «Одатан барои ҳар як ҷамъият Бобо (оқсақол) интихоб мегардид. Аммо интихобкунандагон устоҳои калон, устоҳо ва фурӯшандагони маҳсулот буданд. Онҳо дар бораи номзадӣ машварат карда, ӯро раиси ҷамъият интихоб менамуданд, аммо пайкорро худи раиси ҷамъият ё оқсақоли ҷамъият таъйин мекард»[45]. Раванди қабул ба ҷамъият низ дар Низомнома (Рисола)-и ҳар як касб муқаррар гардида буд[46].

Бар хилофи иттифоқҳои касабаи муосир, дар ин ҷамъиятҳо пардохти ҳаққи узвият пешбинӣ нашуда буд. Ба ҷойи ин ҷамъоварии маблағ барои татбиқи вазифаи ҳимояи ҳуқуқ бо чанд роҳ амалӣ карда мешуд. Дар баъзе ҷамъиятҳо ба сабаби вайрон намудани қоидаҳои муқаррарнамудаи Низомнома роҳбари ҷамъият узви муҷрими ҷамъиятро барои кирдори «ғайриқонунӣ» ё «нодуруст» (беқоидагӣ)» ба андозаи муайян ҷарима мебаст. Вижагиҳои иттифоқҳои касабаи давраи пешошуравӣ ва махсусан марҳалаи аввали шуравӣ - ин ба таври бенизом (стихиявӣ) ба вуҷуд омадани онҳо, маҳдуд будани доираи касбии онҳо, баъдан – дар мубориза иқтисодию сиёсӣ, ҳизбият, азхуд кардани вазифаҳое, ки ба онҳо, хусусан ба давлатҳо хос набуданд. Бо мурури замон худи таъсисёбӣ ва фаъолияти иттифоқҳои касаба комилан ба ҳадафу вазифаҳои давлатӣ марбут гардид.

Банди севуми боб «**Марҳалаи шуравии рушди институти иттифоқҳои касаба ва қонунгузорӣ дар бораи иттифоқҳои касаба**» номгузорӣ шудааст. Дар он масъалаҳои ба вуҷуд омадани институти иттифоқи касаба дар Русия, таърихи иттифоқҳои касаба то соли 1917 ва баъди барқарор гардидани ҳукумати шуравӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Баробари барпо гардидани ҳукумати шуравӣ дар Тоҷикистон институти иттифоқҳои касаба дар ин ҷо низ таъсис дода шуд, ки ба он қариб тамоми хусусиятҳои иттифоқҳои касабаи ИҶШС хос буд. Ҳукумати шуравӣ дар иттифоқҳои касаба ташкилкунандагони мехнат, «мактаби

---

[45] Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. 2009. – С. 437.

[46] Абдулхонов Ф.М. Вазъи ҳуқуқии ҷамъиятҳои касбӣ дар Аморати Бухоро дар охири асри XIX ибтидои асри XX // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1(45). – С. 32.

роҳбарӣ», тарбияи кадрҳоро медид, барои иҷрои супоришҳои давлатӣ, таблиғи ғояҳои сохтмони коммунизм ва ғ. тамоми захираҳои иттифоқҳои касабаро ба кор мебурд. Муаллиф вазъи воқеии иттифоқҳои касабаро, ки ба замимаи мақомоти роҳбарикунанда табдил ёфтаанд, таҳқиқ кардааст. Ба ақидаи ӯ, дар ин давра «давлатикунонии» фаъоли ташкилотҳои иттифоқҳои касаба сурат гирифт. Албатта, ба иттифоқҳои касаба ҳуқуқи ташаббускорӣ дар қонунгузорӣ, ба амал баровардани назорати ҷамъиятӣ ва давлатӣ бар иҷрои қонунгузории меҳнат, ҳуқуқи роҳбарӣ ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ ва ғ. дода шуда буд. Муаллиф ҳамчунин тамоюли рушди иттифоқҳои касабаи Тоҷикистони Шуравӣ, нақши онро дар ҷомеа, усулҳои ҳалли мушкилоти вазифаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, моҳияти онро дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои коргарон, дар таҳия ва қабули санадҳои меъёрии қонунӣ ва ташкили механизмҳои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ ба таври амиқ таҳлил кардааст.

Боби дувуми диссертатсия - «**Мушкилиҳо ва дурнамои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» -низ аз се банд иборат аст. Дар банди аввали он, ки «**Ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба дар шароити истиқлоли давлатӣ**» ном дорад, таърихи ташаккул ва рушди иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистони муосирро, ки дар солҳои 90-уми садаи ХХ ҳуқуқҳои зиёди худро аз даст дода, бо вуҷуди ин тавонистаанд ба вазифаҳои марбути худ «баргарданд». баррасӣ менамояд. Имрӯз иттифоқҳои касаба асосан ду вазифаро иҷро мекунанд: намояндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои худ. Албатта, дар баробари онҳо дигар вазифаҳоро низ ба таври возеҳ амалӣ мекунанд. Муаллиф дар мисоли қонунгузории Тоҷикистон марҳалаҳои рушди заминаи ҳуқуқии ташаккул ва рушди иттифоқҳои касабаи муосири Тоҷикистонро таҳлил кардааст.

Банди дувуми боб ба масъалаҳои омӯзиш ва азхуд кардани «**таҷрибаи байналмилалии танзими фаъолияти ҳуқуқии иттифоқҳои касаба ва таъсири он ба рушди иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон**» бахшида шудааст. Дар он санадҳои қонунгузории Созмони байналмилалии меҳнат ва раванди татбиқи онҳо дар қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мешавад. Дар боби мазкур ҳамчунин таҷрибаи фаъолияти ҳам иттифоқҳои касаба ва ҳам як қатор институтҳо, ба монанди гуфтушунидҳои коллективӣ, шартномаҳои коллективӣ, миёнаравӣ (медиатсия) ва принсипҳои он, шарикии иҷтимоӣ дар кишварҳои хориҷӣ, инчунин машваратҳои муштарак баррасӣ карда мешавад. Махсусан ба таҷрибаи Ҷопон дар бобати ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои меҳнатӣ таваҷҷуҳи вижа дода шудааст. Он чи дар таҷрибаи иттифоқҳои касабаи Ҷопон боиси ҷалби таваҷҷуҳ шудааст, ин он аст, ки на танҳо қонунгузорӣ, балки давлат ва

иттифоқҳои касаба низ ба ҳамкорӣ, ба мутобиқ гардондани манфиатҳои тарафайн, қабули қарорҳои муштарак, ба иштироки коргарон дар муайян кардани муҳимтарин шохисҳои фаъолияти ташкилот, яъне, он чи корхонаҳо ва ташкилотҳои муосири Тоҷикистон танқисӣ мекашанд, тамоюд доранд. Илова бар ин, муаллиф таҳлили муқоисавӣ-татбиқии қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ, мавҷудияти муқарраротимарбут ба принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ дар онҳо, раванди гуфтушунидҳои коллективӣ ва амали созишномаву шартномаҳои басташударо анҷом додааст. Дар қонунгузории Тоҷикистон тағйироти мусбат ҳам дар муқаррар намудани принсипҳои раванди гуфтушунид ва принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва ҳам дар ҳалли масъалаи мавҷудияти меъёрҳои ҳатмӣ, масъулияти тарафайн дар иҷро накардани онҳо нишон дода мешавад.

Банди севум «**Дурнамои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ном дорад. Муаллиф дар он андешаи худро дар бораи зарурати такмил додани на танҳо фаъолияти ҳаррӯзаи иттифоқҳои касаба, балки дар бораи рушди қонунгузорӣ низ асоснок мекунад. Чунонки маълум аст, ҳуқуқ ба иттиҳодияҳо муҳимтарин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад, ки дар моддаи 28-и Конститутсия муқаррар шудааст[47]. Ин аз нақш ва аҳаммияти махсуси иттифоқҳои касаба дар ҳаёти иҷтимоии имрӯзаи ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Хусусан, қабл аз ҳама, амалӣ сохтани чунин вазифаҳои иттифоқҳои касаба, мисли иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ, истеҳсолӣ, тарбиявӣ ва байналмилалӣ хеле муҳим аст. Бояд таъкид кард, ки масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон – ин вазифаи асосӣ яке аз вазифаҳои қонунӣ ва низомномавии на танҳо иттифоқҳои касаба, балки мақомоти давлатӣ мебошад, бино бар ин, танзими қонунгузории ин муносибатҳо бояд бо низом татбиқ шавад.

Дар банди мазкур унвонҷӯ оид ба зарурати такмили ҳамкории миёни мақомоти назоратӣ дар соҳаи меҳнат ва танзими фаъолияти онҳо ишора мекунад, ки ин, албатта, набояд ба ҳуқуқу манфиатҳои коргарон ва корхонаҳо зиён расонад.

Ба ақидаи муаллиф, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷдиди ҷиддӣ ниёз дорад. Дар он бояд воқеияти замони нав равшантар инъикос гардад, ба таври мисол, кори фосилавӣ, шаклҳои фосилавии шуғл, кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои чунин коргарон, қонунигардонии кор дар бахши хусусӣ, фароҳам овардани шароити меҳнате, ки корхонаҳо натавонанд фоидаи худ, музди воқеии меҳнат, да-

[47] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

ромадеро, ки самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии коргар ба он вобастааст, пинҳон кунанд.

Унвонҷӯ дар масъалаи он ки заминаи қонунгузории фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касаба бояд дар якчанд самт рушд кунад, бо дигар муҳаққиқон ҳамфикр аст, аз қабили: иштирок дар такмили механизми дар қонун муқарраргардидаи ҳимояи аъзои фаъолони иттифоқҳои касаба аз табъиз; таҳияи механизми масъулияти корфармоён барои иҷро накардани муносибатҳои шартномавии коллективӣ; ташкили низоми дақиқи назорат бар иҷрои шартномаҳои коллективӣ; дақиқан муайян кардани мавқеи иттифоқи касаба дар низоми шарикии иҷтимоӣ; дақиқан ҷудо кардани вазифаҳо ва доираи масъулияти иттифоқҳои касаба аз маъмурият; қонунӣ кардани механизми самарабахши ҳимояи коргар аз ҷониби иттифоқи касаба дар мавридҳои зарурӣ, бидуни муроҷиати коргар ё хусусан дар сурати муроҷиати кардани ӯ.

Мушкилоти боло аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти иттифоқҳои касаба бо ихтилофҳои худ, қонунгузорӣ бо мавҷуд будани камбудиҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Аз як тараф, ин ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад, аз тарафи дигар, худи иттифоқҳои касабаро бояд «зинда» кард. Дар робита ба ин, ҳуқуқи аъзои иттифоқҳои касабаро «дар мавридҳои пешбиникардаи қонун аз амали (беамалии) мақомоти иттифоқҳои касаба шикоят кардан бояд ба ҳукми қонун даровард; ба мақомоти иттифоқҳои касаба бояд ҳуқуқ дод, ки барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои аъзои иттифоқҳои касаба ба суд муроҷиат кунанд; бояд имкон фароҳам овард, то муқарраротҳи меъёрии шартномаҳои (созишномаҳои) коллективиро, ки ҳуқуқи шахсони севумро поймол мекунанд, мавриди баҳс қарор диҳад; эътибори шартномаи коллективии ташкилотро нисбат ба кормандоне, ки аз ҷониби агентии шуғли аҳолӣ ба ин ташкилот муваққатан тибқи шартнома оид ба таъмини меҳнати кадрҳо фиристода шудаанд, тавсеа диҳад.

Пешниҳод мегардад, ки барои бартараф намудани камбудиҳо ба қонунгузории меҳнат, инчунин ба Қонун «Дар бораи иттифоқҳои касабаи ҶТ» тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1) ба иттифоқҳои касаба ҳуқуқ дода шавад, то дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои марбут ба он таъмин намояд;

2) зербанди 7 банди 1 моддаи 32 Қонун «Дар бораи иттифоқҳои касаба», ки дар он муқаррар шудааст «дар таҳияи қоидаҳои тартиботи меҳнатии дохилии корхона иштирок менамояд», тағйир дода шуда, тибқи пешниҳоди муаллиф банди мазкур дар таҳрири зайл баён карда шавад: «Тартиботи дохилии меҳнат аз тарафи корфармо бо ризояти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии коргарон» тасдиқ карда мешавад.

Ҳамзамон зарур аст дар доираи қонунгузории амалкунанда, бахусус дар Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ ва дигар қонунҳои мурофиавӣ, масъалаи муҳимми ҳимояи судии ҳуқуқҳои кормандон аз ҷониби иттифоқҳои касаба ҷиддан ҳал карда шавад. Қонунгузор тибқи қисми 3 моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ҳуқуқ дорад аз номи корманди мақомоти иттифоқи касаба ё намояндаи ӯ ба суд муроҷиат намояд (Қонуни ҶТ дар таҳрири аз 02.01.2020 № 1673) [48]. Ин меъёр ба мақоми иттифоки касаба ҳуқуқ медиҳад бо дархости узви иттифоқи касаба барои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии коргар ба суд муроҷиат намояд. Ба андешаи унвонҷӯ, иттифоқи касаба бояд «бо ташаббуси худ» ба суд ва ё мақомоти дигар барои ҳимояи ҳуқуқҳои коргар муроҷиат кунад, гузашта аз ин, чунин ҳуқуқ барои иттиҳоди корфармоён эътироф шудааст.

Муаллиф инчунин масъалаҳои бесамар будани фаъолияти мақомоти иттифоқҳои касаба, зоҳирпарастии онҳоро муфассал таҳлил намуда, дар бораи бемасъулиятии баъзе кормандони иттифоқҳои касаба, мушкилиҳо дар иҷрои шартномаҳои коллективӣ, набудани масъулияти қонунии дигар тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ва ғ. махсус қайд мекунад. Барои ҳалли ҳамаҷонибаи камбудиҳои ошкоршуда унвонҷӯ пешниҳод мекунад, ки аз қабули як қатор воситаҳои нави ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои коргарон то азнавсозии амиқи қонунгузории меҳнат ва иттифоқҳои касаба аз равиши системавӣ истифода бурда шавад. Яке аз ин воситаҳо (институтҳо) миёнаравӣ (медиатсия) мебошад, ки дар чандин кишварҳои хориҷӣ бомуваффақият амал мекунад. Ин механизми махсусан самарабахши буҷетиест барои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ. Институтҳои мазкур инчунин низоми машваратҳои муштаракро дар бар мегиранд, ки дар он намояндагони тарафҳо метавонанд бидуни ёрии беруна дар бораи ҳамаи тағйироту қарорҳои маъмурият пешакӣ мувофиқа кунанд; ҳамчунин институти гуфтушуниди коллективӣ, ки барои иҷрои нақшаҳои бузурги ташкилоту корхонаҳо заминаи мустаҳкам шуда метавонад, гузашта аз ин омили кафолати иловагӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳам коргарон ва ҳам корфармоён ва низ давлат мебошад, ки аз он тамоми ҷомеа бурд мекунад.

Пешниҳод мешавад, ки иттифоқҳои касаба бо мақомоти давлатӣ бояд ҳамкориҳои зич дошта бошанд. Дар баробари ин онҳо бояд ҳамеша ифодагари манфиатҳои коргарони одӣ - аъзои иттифоқи касаба бошанд.

[48] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011, №757 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, м. 611.

# ХУЛОСА

Муаллиф масъалаҳои бамиёнгузоштаро амиқ ва пайгирона мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст:

1. Пешоҳанги иттифоқи касабаи Тоҷикистонро метавон иттиҳоди кишоварзии ориёиҳо - тоҷикон «нафа» номид, ки дар ин бора дар осори академик Бобоҷон Ғафуров ва асарҳои дигар олимоне, ки ба таҳқиқи таърихи халқи тоҷик машғул гардидаанд, маълумот дода шудааст. **[9–М]**

2. Дар асрҳои миёна асосҳои меъёрии ҳимояи намояндагони касбҳои алоҳида ташаккул ёфта, дар рисолаҳо (низомномаҳо) инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, доир ба касбҳои мушахас, монанди бофандагӣ, мӯзадӯзӣ, чармгарӣ ва ғ. Рисолаҳо эҷод шуда буданд. Рисолаҳои зикршуда санад-муқаррароти хосе буданд, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои сирф инфиродӣ доштанд ва ба касби мушаххас, вижагиҳои муносибатҳои байни соҳибони ин ё он касб бахшида шудаанд. Дар рисолаҳо инчунин масъалаҳои дигари ҳаётии намояндагони касбу кори гуногун - шароити ташкили онҳо, мавқеи коргарон, танзими муносибатҳои байни онҳо, инчунин муносибатҳо бо намояндагони ҳунарҳои инфиродӣ, бо ҷомеа, ҳуқуқу уҳдадориҳои сарварони касбӣ ва ғ. ҳаллу фасл мешуданд. **[7-М]**

Дар ин рисолаҳо мавқеи ҳуқуқии устод (халифа) ва шогирд мустаҳкам карда шуда, муносибат бо ҷомеа ва муштариён шарҳ, механизмҳои ҳимояи манфиатҳои намояндагони касбҳои мушаххас тафсир ёфтаанд. Ҳамин тавр, дар рисолаҳо фаъолияти намояндагони касбҳои гуногун ҳамаҷониба ба танзим дароварда шуда, дар онҳо роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва инчунин муҷозотҳои гуногун пешбинӣ шудаанд. Бояд таъйид кард, ки дар ҷомеаи тоҷик ҳанӯз дар замонҳои қадим ва дар асрҳои миёна барои ба вуҷуд омадани механизмҳо ва ташкилотҳое, ки вазифаашон ба мақомоти муосири ҳимояи коргарон ва меҳнати онҳо - иттифоқҳои касаба шабоҳат доштанд, шароит фароҳам оварда шуда буд. **[2–М]**

3. Дар Тоҷикистони таърихӣ, инчунин дар тамоми Шарқ, бори нахуст андешаҳои иттифоқи касаба дар шакли ҷамъиятҳои касбӣ, аз ҷумла косибони шаҳрнишин - «ҷавонмандон» таҷассум ёфтаанд, ки барои худ меъёрҳои муносибатҳои байнияқдигариро нисбат ба тобеон, нисбат ба занон, кӯдакон, ҷомеа, кишвар кор карда баромадаанд. Онҳо метавонистанд барои ҳимоят аз касе бо ҳам тасмим гиранд, дар мушкилиҳо ба ҳамдигар ёрӣ расонанд. **[7–М]**

4. Таърихи рушди институти иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро метавон ба марҳалаҳои зерин тақсим кард: марҳалаи I – аз замонҳои қадим то асрҳои миёна: ба вуҷуд омадани ғояҳои ташкили иттифоқ, инчунин ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи табақавӣ-имтиёзҳо. Ин «қонунгузорӣ» ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои намояндагони табақаҳои алоҳида - касбҳо нигаронида шуда буд; марҳалаи II – асрҳои миёна: таъсиси иттиҳодияҳои «ҷавон-

мандон», «айёрон», «фидоӣ», ки ҳуқуқу манфиатҳои табақаҳои гуногун ва намояндагони ин ҳаракатҳоро ҳимоя менамуданд, инчунин ба вуҷуд омадани рисола бахшида ба касбҳо; марҳалаи III – 1907-1917: таҷрибаи муборизаи коргарони корхонаву фабрикаҳои Хуҷанд ва Конибодом барои ҳуқуқҳои худ; марҳалаи IV – 1918-1991: давраи шуравии ташаккул ва рушди иттифоқҳои касаба; ва марҳалаи V – 1991 - то имрӯз: ташаккул ва рушди иттифоқҳои касабаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. **[11–М]**

5. Институти иттифоқҳои касаба таърихи ғании ғояҳо ва механизмҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дошта бошад ҳам, дар замони нав ва навтарин бо ғояҳои ғарбию шуравӣ, ки дар асоси онҳо институти муосири иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон таъсис ёфт, боз ҳам ғанитар гардид. **[2–М]; [7–М]**

6. Низоми муосири ҳуқуқии Тоҷикистон қонунгузории шуравиро дар бораи иттифоқҳои касаба тадриҷан ба мерос гирифт. Қонунгузории иттифоқҳои касаба ҳамчун механизми ҳимояи манфиатҳои қонунии коргарон ба вуҷуд омад. Бо ташаккул ва рушд ёфтани низоми қонунгузории меҳнат дар соҳаи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои иттифоқҳои касаба он ба талаботи ҷомеа торафт бештар мутобиқ мегардид. Ғояи ба марҳалаи коммунистии рушди ҷомеа гузаштани давлат, ки дар замони шуравӣ васеъ паҳн шуда буд, имкон дод, то қонунгузории иттифоқҳои касаба баробари дигар қонунҳои соҳавӣ ба саҳнаи ҳуқуқиву сиёсӣ ворид карда шавад. Ин қонунгузорӣ назорати ҷамъиятиро ба ҳимояи манфиатҳои қонунии коргарони соҳаҳои гуногун эълон кард. Иттифоқҳои касаба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро соҳиб шуданд, ки ин онҳоро ба унсури фаъоли низоми сиёсии ҷомеа табдил дод. Ба иттифоқҳои касабаи шуравӣ ваколатҳои васеъ, асосан вазифаҳое дода шуданд, ки аз вазифаҳои асосиашон барнамеомад. **[5–М]**

Иттифоқҳои касаба дар замони шуравӣ хусусияти ҳизбӣ гирифта, зери назорати ҳизби ҳоким фаъолият мекарданд, хусусияти давлатӣ пайдо карда, вазифахои давлатиро дар соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ месохтанд. Онҳо аз болои меҳнати коргар назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебурданд, буҷети сугуртаи иҷтимоиро идора мекарданд ва ғ. **[5–М]**

7. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ иштироки иттифоқҳои касаба дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ бо моддаи 9-и Қонун «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» танзим карда мешуд. Қонунгузории муосир ҳифзи манфиатҳои қонунии коргаронро тибқи санадҳои меъёрӣ эътироф намуда, татбиқи ин ваколатҳоро ба иттифоқҳои касаба чи дар дохили кишвар ва чи дар берун аз он вогузор мекунад. **[8–М]**

8. Иттифоқҳои касаба аз рӯзи ба даст овардани мустақилияти давлатдорӣ соҳибистиқлолии худро эълон карданд, вале ба татбиқи вазифаҳои давлатӣ идома доданд. Имрӯз иттифоқҳои касабаи

Тоҷикистон дар масъалаҳои сиёсӣ, интихобот ва ғайра фаъол буда, ҳуқуқ доранд номзадҳо ба президент, ба вакилиро пешниҳод намоянд, дар ҷаласаҳои ҳукуматӣ мунтазам иштирок кунанд, аз рӯйи масъалаҳои мухокимашаванда эроду тавсияҳо баён кунанд. Намояндагони Федератсияи иттифоқҳои касаба ба таври доимӣ дар ҳайати комиссияҳои ҳукумати ҷумҳурӣ амал мекунанд. Ба тариқи мисол, иттифоқҳои касаба дар ибтидои фаъолияти мустақилонаи худ дар кори комиссияи давлатии ба муомилот баровардани пули миллӣ фаъолона иштирок намуданд. **[10–М]**

Дар давраи солҳои 1991-1996 Шурои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ба лоиҳаи қонунҳое, ки ҳукумати ҶТ ва мақомоти дигари давлатӣ тартиб додаанд, инчунин ба санадҳои меъёрие, ки дар парлумони ҷумҳурӣ баррасӣ шудаанд, зиёда аз 300 пешниҳоду эродхо тавсия кардааст. Аз ҷумла, бо ташаббуси Федератсия лоиҳаи қонунҳои зерин қабул карда шуд: «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқҳо ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», « Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ», «Дар бораи ҳифзи меҳнат», «Дар бораи индексатсияи даромадҳои аҳолӣ бо дарназардошти афзоиши нархи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» ва ғ.

Дар давраи аз моҳи майи соли 1996 то моҳи июни соли 1998 иттифоқҳои касаба дар баррасии зиёда аз 100 лоиҳаи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намуданд, ки аз он 75 лоиҳа мақоми қонуну санадҳои меъёриро касб карданд. **[8–М]**

9. Иттифоқҳои касаба фаъолияти худро ба куллӣ тағйир дода, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии меҳнаткашон заминаи қонунӣ ба вуҷуд оварданд. Пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 заминаи ҳуқуқии фаъолияти иттифоқҳои касаба фароҳам омад. Мавқеи иттифоқҳои касаба дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шуғли аҳолӣ», «Дар бораи нафақа», «Дар бораи хусусигардонии манзил» низ инъикос ёфтааст. Мутахассисони иттифоқҳои касаба аз рӯйи лоиҳаи қонун «Дар бораи пардохти музди меҳнат», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» низ пешниҳодҳо карданд. **[14–М]; [6–М]**

Дастоварди дигари мутахассисони иттифоқҳои касаба ба таври даврӣ бастани Созишномаи генералӣ мебошад. Давлат тавонист назорати ҷамъиятиро бар ҳифзи меҳнат нигоҳ дорад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат», ки соли 1991 қабул шудааст, Низомнома дар бораи санҷиш ва бақайдгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, дар бораи ҳифзи меҳнат дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, дар бораи тафтиши меҳнат тартиби додани ҷазои маъмурӣ барои қонуншиканӣ ва вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат ва ғ. қабул ва тасдиқ карда шуд.

Дар солҳои истиқлол барои кишвар аз ҳама мушкилтар масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва дарёфти ҷойҳои кори муносиб ва бо ҷойи кор таъмин намудани ҷавонону занон буд. Мушкилоти дигар аз ҷониби ҳукумат ва корфармоён риоя накардани бандҳои Созишномаи генералӣ, инчунин риоя накардани бандҳои шартномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ буд. Кормандони иттифоқҳои касаба ба Парлумон дар бораи қабули қонунҳои нав пешниҳодҳои муфид тавсия карданд. Соли 1997 Ҳукумати ҷумҳурӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кард, ки он дар фаъолияти минбаъдаи иттифоқҳои касаба нақши муҳим бозид. **[8–М]; [6–М]**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия марбут ба вижагиҳои фаъолияти иттифоқҳои касаба ва меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо пешниҳоду тавсияҳои зерини илмию амалӣ дода мешавад:

- иттифоқҳои касабаро зарур аст, ки оид ба амалӣ сохтани шарикии иҷтимоӣ бо корфармоён ва давлат тавассути таҳкими мавқеи худ дар гуфтушунидҳо ва ҳангоми бастани шартномаи коллективӣ чораҳои воқеӣ андешанд; **[16–М]**

- бояд бо шарикон дар бораи ҷорӣ намудан ва татбиқ кардани чунин муқаррароти трипартизм (ҳамкории иҷтимоии сеҷонибаи коргарон, соҳибкорон ва давлат)  дар шарикии иҷтимоӣ, ки он коргарро шарики идора ва тақсими даромади корхона гардонад, муносибатҳои сармоя ва меҳнатро ҳамоҳанг созад, ки ин боиси масъулиятшиносии коргарон дар рушди корхона мегардад, муколама оғоз кардан лозим аст; зарур аст амсилаи (модели) корпоратизме, ки манфиатҳои баландтарини ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои меҳнатиро дар бар гирад, ки ин барои амиқтар омӯхтан ва дарки муҳити институтсионалии ташаккули муносибатҳои мазкур ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои шарикони иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад, татбиқ карда шавад. Бо ин мақсад бояд ба Кодекси меҳнат тағйирот ворид намуд , инчунин тадбирҳои мушаххаси масъулияти тарафайн барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои муқаррааргардида дар шартномаҳои басташуда, аз ҷумла уҳдадории иштироки тарафайн дар чорабиниҳои шарикии иҷтимоӣ, машваратҳо, раванди гуфтушунидҳо, муҳокимаҳо ва бастани созишномаҳо нишон дода шавад; **[12–М]; [8–М]**

- заминаҳои ҳуқуқии ворид сохтани институти миёнарав дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ таҳким дода шуда, миёнаравиро дар марҳалаи чи тосудӣ ва чи баррасии судии баҳсҳои меҳнатӣ бояд фаъолтар истифода кард. Бо ин мақсад зарур аст, ки Қонун « Дар бораи медиатсия» қабул карда шавад, ки дар он баробари танзими тартиби миёнаравӣ принсипҳои асосии

миёнаравӣ, ба монанди бетарафӣ, сиррӣ, беғаразӣ ба ҳукми қонун дароянд, ашхос ва мақомоте, ки метавонанд бо фаъолияти миёнаравӣ машғул гарданд, нишон дода шаванд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар баъзе кишварҳо намояндагони мақомоти давлатӣ метавонанд ба сифати миёнарав баромад кунанд, дар кишварҳои дигар рӯйхати миёнаравҳо, намояндагони иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён, дар давлатҳои севум номзаде, ки ба тарафҳои баҳс мувофиқ бошад, миёнарав шуда метавонад. Ғайр аз ин, кишварҳое ҳаст, ки дар онҳо тартиби миёнаравӣ ҳатмист ва кишварҳое ҳаст, ки дар онҳо норозигӣ бо пешниҳоди миёнарав боиси дахолат ба раванди Парлумон мегардад. Ҳамин тариқ, дунё таҷрибаи арзишманд оид ба тартиби миёнаравӣ дар баҳсҳои меҳнатиро дорад, ки Тоҷикистон онро метавонад вобаста ба шароит ва манфиатҳои худ истифода барад; **[8–М]; [10–М]**

- пешниҳод мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатии кормандон ва аъзои оилаи онҳо (яъне, ба кор қабул кардан, беасос саркашӣ кардан аз қабул ба кор, беасос аз кор озод кардан, рушди бозори меҳнат ва ғ.) тавассути муайян намудани мафҳумҳои «коргар» «намояндаи коргар», «корфармо» ва ғ. таҳким дода шавад; **[6–М]**

- институти намояндагии иттифоқҳои касабаро дар сохторҳои идоракунии корхонаю мақомот барои мусоидат намудан ба раванди гуфтушуниди шарикони иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ кардан лозим аст, инчунин ба иҷрои воқеии бандҳои шартномаҳои генералӣ ё коллективии тарафайн ноил шудан зарур аст; **[16–М]**

- барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд ва дигар мақомоти давлатӣ бояд назорат ҷорӣ намуд;

- амсилаи (модели) корпоративиро, ки манфиатҳои ҳамаи иштирокдорони муносибатҳои меҳнатиро ба ҳадди аксар фаро мегирад, бояд татбиқ кард, зеро он барои беҳтар дарк кардани муҳити институтсионалии ташаккули ин муносибатҳо ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои шарикони иҷтимоӣ имкон медиҳад. Бо ин мақсад ба Кодекси меҳнат тағйироти зарурӣ ворид карда, тарафҳоро вазифадор созад, ки дар ҳамаи чорабиниҳо оид ба шарикии иҷтимоӣ, машваратҳо, гуфтушунидҳо, муҳокима ва бастани созишномаҳо ширкат варзанд, дар сурати иҷро накардан ё ба таври бояду шояд иҷро накардани уҳдадориҳои тарафайн чораҳои мушаххаси ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад; **[16–М]**

- пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи гузарондани машваратҳои муштараки байни корфармоён ва иттифоқҳои касаба оид ба баҳсҳо ё мушкилоти бамиёномада (таҷрибаи Ҷопон) қабл аз шиддат ёфтани онҳо ва муроҷиат ба суд ё мақоми дигаре, ки баҳсҳои муносибатҳои меҳнатӣ ё корпартоиро баррасӣ мекунад, татбиқ карда шавад. Аз татбиқи низоми машваратҳои муштарак, ки ҳадафи онҳо муҳокимаи тамоми масъалаҳои вобаста ба идоракунӣ,

истеҳсолот, тақсимоти даромад, коҳиш додани ихтилофҳои мехнатӣ, ба даст овардани созиш ва ҳамфикрӣ, инчунин ҳамоҳангсозии амали иштирокдорони муносибатҳои меҳнатӣ мебошад, ки аз он метавонанд корфармоён, коргарон, давлат ва ҷомеа нафъ бардоранд; **[11–М]; [12–М]**

- бояд заминаи ҳуқуқӣ барои самтгирии ташкилотҳо, корхонаҳо ва ширкатҳо, инчунин корфармоён, коргарон, давлат ва иттифоқҳои касаба барои иштирок дар асоси созиш дар тақсими даромад, қабули қарорҳо бо дарназардошти манфиати ҳар як тараф, ҳамдилӣ ва ҳамоҳангии коргарон дар идоракунии корхона фароҳам оварда шавад. **[4–М]; [8–М]**

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1–М].** Нозакова, З.З. История развития профсоюзов, правозащитная деятельность профсоюзов [Текст] / З.З. Нозакова // Академический юридический журнал. – 2017. – №3/4 (23-24). – С. 50-59. ISSN 2305-0535

**[2–М].** Нозакова, З.З. Таърихи таҳаввули Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.З. Нозакова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2018. – №3 (27). – С. 43-46. ISSN 2305-0535

**[3–М].** Нозакова, З.З. Гендерное равенство и его национальный механизм в Республике Таджикистан [Текст] / З.З. Нозакова // Академический юридический журнал. – 2018. – №4 (28). – С. 124-127. ISSN 2305-0535

**[4–М].** Нозакова, З.З. Общественный контроль реализации нормативно-правовых актов как полномочие профсоюзов [Текст] / З.З. Нозакова, Э.Б. Буризода, Р.С. Одиназода // Академический юридический журнал. – 2019. – №1 (29). – С. 104-110. ISSN 2305-0535

**[5–М].** Нозакова, З.З. Становление законодательства о профсоюзах СССР и в Советском Таджикистане 1917-1936 гг. [Текст] / З.З. Нозакова // Академический юридический журнал. – 2020. – №3 (35). – С. 152-158. ISSN 2305-0535

**[6–М].** Нозакова, З.З., Умарахунов И.М. Роль профессиональных союзов в защите трудовых прав работников [Текст] / З.З. Нозакова, И.М. Умарахунов // Академический юридический журнал. – 2020. – №4 (36). – С. 110-115. ISSN 2305-0535

**[7–М].** Нозакова, З.З. Генезис идей об институте профессиональных союзов в историческом Таджикистане [Текст] / З.З. Нозакова, Э.Б. Буризода, Р.С. Одиназода // Академический юридический журнал. – 2021. – №3 (39). – С. 133-138. ISSN 2305-0535

**[8–М].** Нозакзода, З.З. Совершенствование нормативно-правовых актов профсоюзов в годы государственной независимости [Текст] / З.З. Нозакзода // Академический юридический журнал. – 2022. – №1 (41). – С. 18-21. ISSN 2305-0535

**[9–М].** Нозакзода, З.З. Понятие института профессиональных союзов [Текст] / З.З. Нозакзода // Академический юридический журнал. – 2022. – №3 (43). – С. 80-84. ISSN 2305-0535

**[10–М].** Нозакзода, З.З. Эволюция содержания функции профсоюза в новой и новейшей истории Таджикистана [Текст] / З.З. Нозакзода, Р.С. Одиназода // Академический юридический журнал. – 2022. – №3 (43). – С. 149-154. ISSN 2305-0535

**[11–М].** Нозакзода, З.З. Сравнительно-правовой анализ профсоюза и института медиации (посредничество) в трудовых отношениях[Текст] / З.З. Нозакзода, Э.Б. Буризода // Труды Академии МВД РТ. – 2022. – №4 (56). – С. 20-30. ISSN 2412-141X

**[12–М].** Нозакзода, З.З. Международный опыт в регулировании института социального партнерства и трипартизма (историко-правовой и сравнительный анализ) // [Текст] / З.З. Нозакзода // Академический юридический журнал. – 2022. – №4 (44). – С. 48-52. ISSN 2305-0535

**[13–М].** Нозакзода, З.З. Баъзе масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъсиси ҷамъияти «Тарбияи атфол» дар «Таърихи Бухоро»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / З.З. Нозакзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №1 (45). – С. 48-51. ISSN 2305-0535

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[14–М].** Нозакова, З.З. Нақши конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлати иҷтимоӣ [Текст]. З.З. Нозакова // Материалы республиканской научно-теоретической конференции «Конститутсия, кафолати таъмини ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии шахс, давлат ва ҷомеа». – Душанбе, 2016. – С. 106-112.

**[15–М].** Нозакзода, З.З. Некоторые проблемы развития института профсоюза в СНГ [Текст] / З.З. Нозакзода // Права человека и глобализация: материалы V-ой международной научно-теоретической конференции, посвященной Дню прав человека // Под общ. ред. д.ю.н., доцента Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2023. – С. 177-183.

**[16–М].** Нозакзода, З.З. Шарикии иҷтимоӣ: мафҳум, субъектҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ[Матн] / З.З. Нозакзода // Маҷмуаи маводи II-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. – Душанбе, 2023. – С. 161-167.

**АННОТАЦИЯ**
**к диссертации Нозакзода Зулхия Загирдавлат на тему: «Институт профессиональных союзов в Таджикистане (историко-правовое и сравнительно - правовое исследование)» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история государства и права; история учений о праве и государстве**

**Ключевые слова**: право, история права и государства, законодательство, институт профсоюзов, периодизация, трактаты-положения о профессиях, раис - глава профессионального общества, защита прав и интересов, социальное партнерство, Генеральное соглашение, трудовой договор, институт посредничества (медиация), коллективные переговоры, государство.

Основными целями исследования являются: изучение общественных отношений, связанных с историей формирования и развития профессиональных союзов и их деятельность в Таджикистане, разработка на основе этого предложений по использованию историко-правового опыта деятельности профсоюзов в современных условиях; рекомендации по совершенствованию законодательства о профессиональных союзах в Республике Таджикистан.

Настоящая диссертация является первым комплексным исследованием, посвященным анализу процесса возникновения и развития института профессиональных союзов в Таджикистане. Причем главное внимание в нем уделено историко-правовому и сравнительно - правовому анализу этого института, что значительно увеличивает его ценность.

Методологическая основа исследования состоит из совокупности средств и научных методов разработки выбранной диссертационной темы. В исследовании используются как общенаучные методы - теория познания и её всеобщие законы, а также универсальный метод диалектики с её парными категориями. Кроме того, логический метод вместе с важнейшими его научными средствами такими как анализ, синтез, индукция, дедукция, сравнение, аналогия и абстракция в работе использованы также статистический, сравнительно-сопоставительный, формально-правовой, а также историко-правовые методы анализа правовой действительности, касающиеся исследуемой темы.

В работе широко использовались различные научные концепции и наработки в сфере действия института профсоюзов, законодательства и практики его функционирования в Таджикистане.

Рассматриваются такие вопросы, как история появления и развития профессиональных обществ, особенности их развития в советский и современный периоды, а также международный опыт в деятельности данного института в ряде стран ближнего и дальнего зарубежья.

В диссертации конкретизированы основы правовой политики в сфере защиты прав работников, общественного контроля за трудовым законодательством, социального партнерства, конституционные основы, национальные и международные правовые акты, а также механизмы защиты и обеспечения прав и интересов членов профсоюзов в Республике Таджикистан.

Результаты диссертационного исследования могут быть использованы в процессе научных исследований, преподавания юридических наук и спецкурсов по истории государства и права, трудовому законодательству, а также по профсоюзному праву. Выводы автора могут быть применены в системе государственного управления, при налаживании социального партнерства, в деятельности профсоюзов в РТ, в формировании культуры охраны и защиты прав и интересов всех работников народного хозяйства.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Нозакзода Зулҳия Зағирдавлат таҳти унвони «Институти иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон: (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, қонунгузорӣ, институти иттифоқи касаба, даврабандӣ, рисола-низомнома оид ба касбҳо, раиси ҷамъиятҳои касбӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо, шарикии иҷтимоӣ, Созишномаи генералӣ, шартномаи коллективӣ, падидаи миёнарав (медиатсия), гуфтушуниди коллективӣ, давлат.

Мақсадҳои асосии таҳқиқот: омӯзиши муносибатҳои ҷамъиятии бо таърихи пайдоиш ва рушди итифоқҳои касаба алоқаманд ва фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон, таҳияи тавсияҳо барои истифодаи таҷрибаи таърихӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳодар шароити муосир; пешниҳод барои такомули қонунгузорӣ оид ба иттифоқҳои касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти маҷмуӣ дар мавзуи: «Институти иттифоқи касаба дар Тоҷикистон: (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ)» мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқот аз маҷмуи восита ва усулҳои илмии таҳияи мавзуи интихобшуда иборат аст. Дар таҳқиқот ба сифати усулҳои умумӣ назарияи маърифат ва қонуниятҳои асосии он, усули диалектика бо категорияҳоли ҷуфти он истифода мегардад. Ғайр аз ин усули мантиқӣ, якҷоя бо воситаҳои асосии он таҳлил, синтез, индуктсия, дедуктсия, муқоиса, абстрактсия дар таҳлили мавзуъ васеъ истифода шудаанд. Инчунин дар таҳқиқот усулҳои оморӣ, муқоисави ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ ва усули таърихӣ-ҳуқуқии омузиши воқеияти ҳуқуқии алоқаманд бо мавзуъ истифода мешаванд.

Дар рисола консепсияҳо ва дастовардҳои илмӣ дар самти амали институти иттифоқи касаба, қонунгузорӣ ва таҷрибати амалии он дар Тоҷикистон васеъ истифода шудаанд. Инчунин усулҳои илмии даврабандӣ ва муайян намудани махсусияти рушди институти мазкур дар марҳилаҳои гуногуни рушди он истифода шудаанд.

Дар рисола масоили таърихи пайдоиш ва рушди ҷамъиятҳои касбӣ, хусусиёти рушди онҳо дар марҳилаи шуравӣ ва муосири тоҷикон, инчунин таҷрибаи байналмилалии фаъолияти ниҳоди мазкур дар як қатор давлатҳои ҳамсояи дуру наздик мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар рисола асосҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи кормандон, назорати ҷамъиятии қонунгузории меҳнат, шарикии иҷтимоӣ, асосҳои конститутсионӣ, санадҳои меърии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин механизмҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар таҳқиқоти илмӣ, таълими як қатор фанҳо ва курсҳои махсуси ҳуқуқӣ аз таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқ ва қонунгузории меҳнат, ҳуқуқи иттифоқи касаба истифода шавад. Инчунин хулосаҳои онро дар низоми идоракунии давлатӣ, шарикии иҷтимоӣ, фаъолияти иттифоқҳои касаба дар ҶТ, дар ташаккули фарҳанги ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кулли кормандони хоҷагии халқ истифода намуд.

**ANNOTATION**
**to the dissertation of Nozakzoda Zulkhiya Zagirdavlat on the topic: «Institute of trade unions in Tajikistan: (historical-legal and comparative-legal research)» for the degree of candidate of legal sciences, specialty 12.00.01 - Theory and history of state and law; history of the doctrines of law and the state**

**Key words:** law, statehood, history of law and state, institute of trade unions, legislation, periodization, treatises-statutes on professions, rais - the head of a professional society, protection of rights and interests, social partnership, General agreement, employment contract, institution of mediation (mediation) , collective bargaining, state, society.

The main objectives of the study are: the study of social relations related to the history of the formation and development of trade unions and their activities in Tajikistan, the development on the basis of this proposals for the use of historical and legal experience of trade unions in modern conditions; recommendations for improving the legislation on trade unions in the Republic of Tajikistan.

This dissertation is the first comprehensive study on the topic «The Institute of Trade Unions in Tajikistan: (historical-legal and comparative-legal research)».

The methodological basis of the research consists of a set of tools and scientific methods, the development of the chosen dissertation topic. In the study, the theory of knowledge and its universal laws, as well as the universal method of dialectics with its paired categories, are used as general scientific methods. In addition, the logical method, together with its most important scientific means of analysis, synthesis, induction, deduction, comparison, analogy and abstraction, are also widely used to illuminate the research topic.

Also, the work uses statistical, structural-functional, comparative-comparative, formal-legal, as well as historical-legal methods of analyzing legal reality related to the topic under study.

The work widely used the existing scientific concepts and developments in the field of the institution of trade unions, legislation and practice of its functioning in Tajikistan. Scientific methods of periodization and determination of the features of the development of this institution in different periods of its development were also used.

The paper defines the foundations of legal policy in the field of protecting the rights of workers, public control over labor legislation, social partnership, constitutional foundations, national and international legal acts, as well as mechanisms for protecting and ensuring the rights and interests of trade union members in the Republic of Tajikistan.

The results of the dissertation research can be used in the process of scientific research, teaching of legal sciences (theory of state and law, human rights, history of state and law, labor law) and special courses on labor legislation, as well as on trade union law. The results of the study can be applied in the system of public administration, social partnership, the activities of trade unions in the Republic of Tajikistan, in the formation of a culture of protection and protection of the rights and interests of all workers in the national economy.

Ба чоп __.07.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи $60x84^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 3,75.
Теъдоди нашр ___ нусха. Супориши №___.